آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

2 марти соли 2024
Шанбе
№ 18
(15029)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ВАЗИФАҲО ОИД БА ТАТБИҚИ ИМКОНОТИ ИСТИФОДАНАШУДАИ ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 29 феврал – 1 март аз вилояти Хоразм боздид ба амал овард.**





Дар рӯзи дуюми сафар дар шаҳри Урганҷ оид ба муҳокимаи вазифаҳои минбаъдаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хоразм ҷамъомад баргузор гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев дар оғози суханронии худ таъкид кард, ки дар мамлакатамон тамоми кӯшишот барои баланд бардоштани қадри инсон, фароҳам овардани шароити муносиб барои аҳолӣ ва таъмин намудани шуғл ба кор бурда мешавад.

Аз он ҷумла, дар ҳафт соли охир дар вилояти Хоразм 600 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло маҷмӯи маҳсулоти дохилии вилоят ба 37 триллион сӯм расид, даромад ба ҳар сари аҳолӣ 19 миллион сӯмро ташкил намуд.

Ба ғайр аз ин, талаботи тағйирёбандаи замон, дархост ва талаби одамон вазифаҳои нав ба навро ба миён мегузорад.

Бинобар ин дар ҷамъомад имконоти нав ва чорабиниҳо оид ба кор андохтани захираҳои мавҷудаи вилоят муайян карда шуд.

Барои дастгирии минбаъдаи тиҷорати хурд ва миёна дар вилояти Хоразм 100 миллион доллар бо шарти имтиёзнок ҷудо карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ба 5,5 ҳазор нафар соҳибкор кумак расонда шавад ва 50 ҳазор ҷойи кори доимӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Яке аз вазифаҳои асосӣ дар иқтисодиёт рушди саноат ба шумор меравад. Барои ин аз ҷониби давлат шароити ногузир фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, пули калон аз тариқи Амударё, ки шабонарӯзе аз он 12 ҳазор автомобил ва 24 поезд убур менамояд, кушода шуд. Ин алоқаи нақлиётро беҳтар намуда, нархи боркашониро арзон мекунад ва барои рушди тиҷорат ва хидматрасонӣ рағбати изофа ба вуҷуд меорад.

Барои саноат инчунин манбаи энергияи суботнок зарур мебошад. Бо ин мақсад дар ноҳияи Тупроққалъа якҷоя бо ширкати фаронсавии «Voltalia» сохтмони неругоҳи офтобии иқтидораш 100 мегаватт оғоз ёфт, ки то охири соли ҷорӣ ба кор андохта мешавад.

Ғайр аз ин бо ширкатҳои пешқадами хориҷӣ доир ба сохтмони маҷмӯи калони газу кимиё дар вилояти Хоразм ба қимати беш аз 10 миллиард доллар мулоқот бурда мешавад. Лоиҳа татбиқ гардад, 3 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд омада, соле истеҳсоли 2,5 миллион тонна маҳсулоти полимерии мавриди ниёз ба роҳ гузошта мешавад.

Чорабиниҳо оид ба дастгирӣ ва тезондани лоиҳаҳои саноатӣ муайян карда шуданд. Тавре ки таъкид гардид, ба вилояти Хоразм 100 миллион доллар аз Фонди рушди саноат равона карда мешавад.

Бонки рушди тиҷорат ба миқдори то 1,5 миллиард сӯм ба муддати то 7 сол бо 18 фоиз барои лоиҳаҳои саноатии хурд ва миёна кредит пешниҳод менамояд.

Ғайр аз ин, аз 1 апрел таҷҳизоти хориҷӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва ашёи хом аз пардохти гумрук ба муддати то 5 сол озод карда шуда, ба дароз намудани мухлати ААИ то 180 рӯз иҷозат дода мешавад. Соҳибкороне, ки дар минтақаҳои иқтисодӣ ва саноатӣ ӯҳдадории гирифтаашонро иҷро намудаанд, метавонанд иншоот ва қитъаҳои заминро хусусӣ гардонанд. Фоизҳои кредит, ки барои лоиҳаҳои маҳалликунонӣ гирифта мешаванд, дар ҳаҷми то 10 банди фоиз сарпур карда мешавад.

Имконот фароҳам оварда мешавад, ки пардохт барои объектҳои моликияти давлатӣ ва қитъаҳои замин дар зарфи 5 сол ба амал оварда шавад. Барои содиркунандагон харҷи нақлиёт дар ҳаҷми 50 фоиз дар сурати расондани ашёи хом аз дигар вилоятҳо ҷуброн карда мешавад.

Ширкати сармоягузорие, ки бо иштироки се бонк соли 2020 ташкил гаштааст, трансформатсия карда шуда, он метавонад дар лоиҳаҳо то 30 фоиз бо саҳми худ иштирок намояд.

Оид ба босамар истифода намудани минтақаи озоди иқтисодии Ҳазорасп, ҷойгир намудани лоиҳаҳои саноатӣ ва ба вуҷуд овардани технопарк дар ноҳияи Урганҷ супоришот дода шуд.

Имконот оид ба афзун гардондани истеҳсоли автомобилҳои Damas ва Labo ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, дараҷаи азнавкоркарди пахта то 60 фоиз, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ муайян карда шуданд.

Умуман то охири сол ба вилоят ҷалб намудани сармоя ба миқдори 1,5 миллиард доллар ба нақша гирифта шудааст, ки аз онҳо 1 миллиард долларо сармояҳои хориҷӣ ташкил дода, дараҷаи содиротро дар ҳаҷми 600 миллион доллар таъмин менамояд. Роҳбари давлат дар масъалаи рушди соҳибкорӣ дар маҳаллаҳо махсус таваққуф намуд, ки барои он 11,5 триллион сӯм кредит равона карда шуда, инчунин барномаҳои рушди маҷмӯии ҳар як ноҳия ва шаҳр тасдиқ карда мешаванд.

Дар асоси таҷрибаи Чин «саноати хонагӣ», мисли ин ки оид ба таҳияи пашм ва пилла ноҳияҳои Боғот, Янгиариқ, Янгибозор, Қӯшкупир ва Урганҷ молики потенсиали калон мебошанд, инкишоф хоҳанд ёфт. Дар ноҳияҳои Ҳазорасп, Хева, Тупроққалъа ва Хонқаъ қолибофии дастӣ тараққӣ кардааст. Дар ин ҷо кооператсияҳои пиллапарварӣ ва қолидӯзӣ ташкил карда шуда, на камтар аз 10 ҳазор хонавода ба он омӯзонда мешавад. Инчунин то 100 миллион сӯм кредити бегарав ҷудо карда мешавад.

Дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки 5 ҳазор хонаводае, ки бо усули интенсив моҳипарварӣ мекунанд ва инчунин 4,4 ҳазор хонаводае, ки бо дӯхтудӯз, паррандапарварӣ, чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва боғдорӣ машғуланд, дастгирӣ карда мешаванд.

Сайёҳӣ чун яке аз таҳрикдиҳандаи калидии тараққиёти вилояти Хоразм муайян карда шуда, барои рушди минбаъдаи он барномаи сесола қабул хоҳад гардид.

Низоми визаи «Ӯзбекистон – хонаи дуюми ман» барои боздиди сайёҳон аз вилояти Хоразм бемаҳдудият дар тӯли тамоми сол ҷорӣ карда мешавад. Дар Урганҷ музейҳои «Лазгӣ» ва «Авасто» ташкил карда шуда, инчунин кредитҳои имтиёзнок барои сохтмони меҳмонхона ва маҳалҳои фароғат пешниҳод карда мешавад, ки ин ба афзоиши мавҷи сайёҳони хориҷӣ то 1 миллион ва сайёҳони маҳаллӣ то 4 миллион мусоидат намуда, ҳамзамон 20 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд меояд.

Барои рушди соҳаи хидматрасонӣ инфрасохтори нақлиёт бояд беҳтар карда шавад. Аз ин рӯ субсид дар ҳаҷми 30 миллиард сӯм барои коҳиши нархи авиабилет ба Урганҷ ва дигар шаҳрҳои мамлакат бо зиёд намудани парвозҳо ҷудо карда мешавад. Ҳаракати троллейбус байни Урганҷ ва Хева зиёдтар карда шуда, инчунин ҳаракати электробусҳо аз Урганҷ ба самти Хева ва Хонқа ба роҳ андохта мешаванд.

Дар ҷамъомад вазифаҳо дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва об муайян карда шуданд. Ногузирии ворид намудан ва парвариши навъҳои пахта, ки ба хоки шӯр тобовар буда аз Чин ва мамлакатҳои дигар оварда мешаванд, таъкид шуданд. Супориш дода шуд, ки дар шаҳри Урганҷ лаборатория оид ба сертификатсияи тухмӣ ва дар ҳар як ноҳия 40 анборхонаи яхдони хурд ташкил карда шавад.

Таъкид шуд, ки вақти татбиқ намудани бархурдҳои илмӣ ба биринҷпарварӣ расидааст. Ба ногузирии мутобиқсозии навъҳои биринҷи Филиппин, ки ба шӯрхок тобовар аст, ба шароити вилояти Хоразм, ишора гардид. Корхона оид ба тухмипарварии биринҷ дар ҳамкорӣ бо Куриёи Ҷанубӣ ташкил карда мешавад. Пешниҳод гардид, ки фермероне, ки ҳосилнокии биринҷро аз ҳар гектар то 150 сентнер расондаанд, ними маҳсулот иҷозат дода шавад.

Имконоти нав барои вусъат додани чорводорӣ, паррандапарварӣ ва моҳипарварӣ таъкид шуд.

Татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳаи барқарор намудани канали Тошсоқа ва ҷараёни кор оид ба бетонпӯшии каналҳо баррасӣ гардид. Оид ба татбиқи технологияи сарфакунандаи об дар 11 ҳазор гектар, ба усули лазер ҳамворсозии 42 ҳазор гектар ва бозсозии технологии истгоҳҳои насос супоришот дода шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# «ӮЗБЕКИСТОН–2030»: МЕХАНИЗМИ ШАФФОФИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ «ДАФТАРИ ЗАНОН»

***Дар Стратегияи «Ӯзбекистон–2030» ташаккул додани низоми тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷавобгӯйи талаботи аҳолӣ ва андозаҳои байналмилалӣ ба нақша гирифта шудааст.***

Дар ҳуҷҷат пурзӯр гардондани низоми дастгирии бонувон, муваффақ шудан ба баробарии гендерӣ, то 30 фоиз зиёд намудани шумораи занон дар вазифаҳои роҳбарӣ пешбинӣ шудааст.

Ба ташаккул додани муҳити тоқатнопазирӣ ба тазйиқ ва зӯроварӣ нисбати бонувон, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо таваҷҷуҳи алоҳида дода шудааст.

Таҳияи механизми шаффофи кор бо «Дафтари бонувон» ва муқаррар намудани назорати ҷамъиятӣ барои ин кор ба нақша гирифта шудааст.

Таъкид бояд кард, ки дар таърихи давлатдории бисёрасринаи мо ҳамеша ба арҷгузорӣ ба зан ва фароҳам овардани шароити хуби зиндагии онҳо таваҷҷуҳ дода шудааст. Имрӯз барои занону намояндагони ҷавонон, ки манзил, кор, касб надоранд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии ҳуқуқӣ ва маънавию равонӣ муҳтоҷанд, низоми нави кумаки мақсадноки давлатӣ ҷорӣ карда шудааст.

Дар солҳои охир санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда ва такмил дода шуданд, ки таҳсил ва касбомӯзии занон, ҳавасмандгардонии меҳнат, фароҳам овардани имкониятҳо барои болоравии мансаб, ҳифзи модару кӯдак, ҳифзи кафолатноки иҷтимоии онҳоро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, дар ин самт Низом дар бораи тартиби дастгирии иҷтимоӣ ва ҳалли низомноки мушкилоти бонувон бо роҳи ҷорӣ намудани «Дафтари занон» аҳамияти муҳим дорад.

Дар фароҳам овардани механизми шаффофи дастгирии мақсаднок бо «Дафтари занон» Шӯрои машваратии бонувон, гурӯҳҳои кории секторҳо саҳмгузорӣ мекунанд.

Шӯрои машваратии бонувон сохторест, ки дар асоси ҷамъиятӣ фаъолият намуда, дар ҳар як ҷамоати шаҳрвандон бо мақсади омӯхтан ва мусоидат намудан ба ҳалли мушкилоти бонувони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ночор, таҳкими оила ва нақши онҳо дар тарбияи кӯдакон, пешниҳоди машварат оид ба пурзӯр гардондани фаъолнокии иҷтимоӣ ва васеъ тарғиб намудани ғоя дар бораи хислатҳои ахлоқии занон ташкил карда мешавад.

Ҳоло дар тамоми минтақаҳо «Марказҳои машваратии занон», ки аз ҷониби кумитаҳои занон таъсис ёфтаанд, фаъолият нишон медиҳад, ки дар онҳо мутахассисони соҳибихтисос: равоншиносон, ҳуқуқшиносон, кормандони соҳаи тиб, ки ба занон ёрии мақсаднок мерасонанд, кор мекунанд.

Барои ташаккули механизми шаффофи фаъолияти «Дафтари занон» кори секторҳо низ муҳим аст. Бо ёрии онҳо рушди ҳаматарафаи иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо, беҳдошти шароити зиндагонии аҳолӣ ба амал бароварда мешавад. Ин ба усули самарабахши муколамаи мақсаднок бо халқ табдил меёбад.

**Лола РАҲИМҚУЛОВА,**
**доктори фалсафа оид ба фанҳои ҳуқуқшиносӣ.**
**ЎзА.**

***Дар сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Испания бо спикер оид ба масъалаҳои озуқаворӣи Комиссияи Сенати Испания бобати кишоварзӣ, чорвопарварӣ ва озуқаворӣ Антонио Луэнго, инчунин бо намояндагони ширкати «BioGreen Road» мулоқот ба амал омад.***

# ҶИҲАТИ КОҲИШ ДОДАНИ ИСТЕЪМОЛИ ОБ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲОСИЛНОКӢ

Дар чаҳорчӯби музокирот масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкории байни ду кишвар дар соҳаи идоракунии захираҳои об дар кишоварзӣ баррасӣ шуданд.

Дар рафти мулоқот сенатор Антонио Луэнго таъкид намуд, ки музофоти Мурсия, ки яке аз минтақаҳои хушки кишвар ба ҳисоб рафта, дар ин ҷо боришот кам мешавад ва хокаш санглох аст, мисли Ӯзбекистон бо мушкилии норасоии захираҳои обӣ барои обёрии заминҳо рӯбарӯ мегардад.

Ба ин муносибат муаррифии технологияҳои ширкати испании «BioGreen Road» оиди ба тариқи макромолекулярӣ ба гел табдил додани об сурат гирифт. Ин технология имкон медиҳад, ки конҳои намаки қаъри замин ба воситаи ҳосил кардани пуфакчаҳои намӣ аз решаи растаниҳо дур карда, онҳо сарфи обро бештар аз 50 фоиз кам карда, онро дар сатҳи қабати реша нигоҳ медоранд.

Ҳамин тариқ, дар музофоти камоби Мурсия дар режими мӯътадили обёрӣ сарфи об барои обёрии як гектар ба ҳисоби миёна 55 ҳазор мукааб метрро ташкил медиҳад. Ҳангоми истифодаи обёрии қатравӣ сарфи об то 4 ҳазор метри мукааб ва ҳангоми истифодаи технологияи «BioGreen» то 2 ҳазор метри мукааб кам мегардад.

Истифодаи ин технология дар ин музофот ҳангоми парвариши кабудӣ ва меваҷот дар шароити саҳроии ба шароити Ӯзбекистон шабеҳ низ ба афзоиши 10 фоизи ҳосилнокӣ ва бештар аз он мусоидат кардааст.

Дар натиҷаи мулоқот дар бораи ташкили сафари намояндагони ширкати «BioGreen Road» ба Ӯзбекистон дар ояндаи наздик тавофуқ ҳосил шуд.

**АИ «Дунё»,**
*МАДРИД.*

# ВАЗИФАҲО ОИД БА ТАТБИҚИ ИМКОНОТИ ИСТИФОДАНАШУДАИ ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Барои беҳсозии фонди манзил ва инфрасохтори маҳаллаҳо эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Имсол 119 иморати бисёрошёна сохта мешавад, ки ба туфайли он 3,5 ҳазор хонавода шароити иқоматашро беҳтар менамояд. Дар ноҳияҳои Ҳазорасп, Шовот ва Урганҷ мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» ба вуҷуд оварда мешаванд.

Таҳияи барномаи сесола оид ба тақдиди шабакаҳои электрикӣ, зерстансияҳо ва тарнсформаторҳо пешбинӣ мегардад. 233 километр роҳ таъмир гардида, дар 322 маҳалла роҳҳои дохилӣ дуруст карда мешаванд.

Дар муассисаҳои таълими олии вилояти Хоразм барномаҳои хориҷӣ татбиқ мегарданд, ки онҳо донишҷӯёнро барои дарёфти малакаи байналхалқӣ таъмин менамояд. Дар бемористон ва поликлиникаҳо ҷараёнҳои такроркунанда оптимизатсия карда мешаванд. 500 нафар кӯдаконе, ки нуқси шунавоӣ доранд бо дастгоҳҳои кохлеар ва боз 2 ҳазор нафар бо василаҳои шунавоӣ таъмин карда мешаванд.

Умуман барои чорабиниҳое, ки дар ҷамъомад муайян карда шудаанд, 1,1 миллиард доллар ва 10 триллион сӯм равон карда мешавад.

Пас аз ин сарвари давлат аз литсейи ҳарбиву академии ба номи Ҷалолиддин Мангубердӣ дар шаҳри Урганҷ боздид намуд.

Муассисаи таълимӣ кори худро дар соли хониши 2023-2024 шурӯъ кард. Дар бинои замонавӣ барои 300 нафар тамоми шароити таҳсил ва таълими ҷавонон ба вуҷуд оварда шудааст. Дар инҷо ба онҳо илмҳои дақиқ дар тӯли ду сол омӯзонда мешавад.

Синфҳо бо замонавитарин василаҳои мултимедиа ва таҷҳизоти коммуникатсия муҷаҳҳазанд. Дар маркази иттилоотиву захираи литсей беш аз 7 ҳазор китоби таълимӣ ва бадеӣ, беш аз 11 ҳазор нашрияҳои электронӣ мавҷуданд. Марказ ба шабакаи муассисаҳои таълими олии минтақа ва Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишери Навоӣ пайваст мебошад.

Гайр аз ин, дар литсей музейи Ҷалолиддин Мангубердӣ, толори варзиш ва маҷмӯи варзишӣ, майдон, ошхона ва хобгоҳ мавҷуд аст.

Хонандагон метавонанд дар бештар аз 10 маҳфили фаннӣ, иттилоотиву технологӣ, маҳфилҳои эҷодӣ ва сексияҳои варзишӣ иштирок намоянд. Барои онҳо пӯшок ва инчунин хӯроки чормаҳали гарм бепул пешниҳод мешавад.

Роҳбари давлат бо муассисаи таълимӣ ва ҷараёни таҳсил шинос гардида, бо муаллимон ва хонандагон суҳбат орост. Таъкид шуд, ки ватанпарварӣ ва ҷасорати Ҷалолиддин Мангубердӣ барои насли ҷавон намунаи ибрат аст.

– Он нукта, ки дар инҷо фанҳои дақиқ омӯзонда мешавад, ин хуб аст. Ҳамзамон дар ҷараёни таълим бояд ба тарбияи ватанпарварӣ ва омӯзиши арзишҳоямон эътибор дода шавад. Эҳсоси миллӣ ва ифтихор силоҳи қавии ҷавононамон бояд гардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки омодагии ҳарбии баланд ва рӯҳи маънавӣ такягоҳи муҳими муҳофизони мамлакат ба шумор меравад.

Литсей бо Донишгоҳи давлатии Урганҷ ва Омӯзишгоҳи олии қӯмондониву муҳандисии танки Чирчиқ ҳамкорӣ менамояд. Инчунин чорабиниҳои ҳарбиву ватанпарварӣ ва мусобиқоти варзишӣ бо иштироки хонандагони мактаби таълимоти ҳамагонии №3 Урганҷ баргузор мегардад. Ба нақша гирифта шудааст, ки ин таҷриба бо дигар мактабҳо низ вусъат дода шавад.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Хоразм ба поён расид.

**ЎзА.**



*Дар ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон қулфинайпарварӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодиёти минтақа табдил меёбад. Яке аз соҳибкорон, ки дар ин самт фаъолият мебарад, Шокирҷон Умарқулов мебошад ва ба ҶММ «Мусаффо барака савдо бизнес» роҳбарӣ мекунад. Дар гармхона бо усули гидропоника қулфинай парвариш менамоянд. Дар корхона 26 ҷойи кор офарида шуда, қисми асосии коргаронро занону духтароне, ки шомили «Дафтари занон» мебошанд, ташкил медиҳад. Иқтидори солонаи корхона беш аз 35-40 тонна буда, қисми зиёди маҳсулоти хуштаъм экспорт карда мешавад.*

***Дар сурат:** дар гармхонаи ҶММ «Мусаффо барака савдо бизнес».*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ. ЎзА.***

# ДАСТУРИ РУШДИ НОҲИЯ РӮНАМОӢ ШУД

***Рӯнамоии дастури рушди иҷтимоию иқтисодии ҳокимияти ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё дар соли 2024 баргузор гардид, ки дар он кулли роҳбарони секторҳо ва соҳибкорони муваффақи маҳаллӣ ширкат варзиданд.***

Дар дастури мазкур қайд гардидааст, ки соли равон 32500 нафар аҳолии ноҳия бо корҳои гуногун банд хоҳанд гашт ва ин назар ба соли гузашта 4700 нафар зиёдтар мебошад. Дар идомаи сол дар маҷмӯъ ба маблағи 9,3 триллион сӯм лоиҳаи сохтмони коргоҳҳои хурду бузург дар амал татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, корхонае бунёд хоҳад ёфт, ки навъи олии карбонати калсий истеҳсол мекунад. Интизор меравад, ки бо баробари ба кор оғоз намудани ин коргоҳ 20 миллион доллар сармояи хориҷӣ ворид ноҳия мегардад ва 50 тан аз аҳолии ба кор муҳтоҷ соҳиби шуғли доимӣ хоҳанд шуд. Ҳамчунин ба соҳаи кирмакпарварӣ эътибори алоҳида дода мешавад ва дар ивази 15 миллион доллари ИМА кластери истеҳсоли абрешим ташкил хоҳад гашт, ки 250 нафарро бо кори доимӣ таъмин месозад. Дар назди заводи «Uzbekiston GTL»-и ноҳия ба кор оғоз намудани як коргоҳи истеҳсоли алкилбензоли хатчадор боиси ғановати буҷаи ҳукумат мешавад. Мақсад аз истеҳсоли ин навъи ашёи хоми кимиёвӣ ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои маишии шустушӯӣ мебошанд, ки дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ харидорони зиёд доранд. Ҳамчунин, аввалин коргоҳе дар ҳудуди Осиёи Марказӣ шурӯъ ба фаъолият хоҳад кард, ки равғанҳои синтетикӣ истеҳсол мекунад ва барои дар амал татбиқ намудани ин лоиҳа 250 миллион доллари ҳамкорони хориҷӣ ҷалб хоҳанд гашт.

Таъкид гардид, ки дар давоми соли 2024 барои таъмин намудани аҳолӣ бо хонаву ҷой 1200 манзили нав сохтаву ба истифода дода хоҳанд шуд ва ҳамчунин боғи дилкушои истироҳатӣ барпо мегардад, ки барои дар амал татбиқ намудани ин лоиҳа 18 миллиард сӯм масраф хоҳад шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Қашқадарё.**

***Дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ бо ҳамдастии гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ доир ба боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти «Ҳафтгона»-и маҳалла семинар-тренинг баргузор гардид.***

# СЕМИНАР ДОИРИ «ҲАФТГОНА»-И МАҲАЛЛА

Дар семинар роҳбарони секторҳо, раисони ҷамоатҳои шаҳрвандон, ёрдамчиёни ҳоким, фаъоли бонувон, пешсафи ҷавонон, нозирони профилактикӣ ва намояндаи ба маҳалла вобастаи шуъбаи андоз иштирок доштанд.

Дар семинар вазифаҳои «Ҳафтгона»-и маҳалла ва ташкили самараноки фаъолият дар заминаи «Таҷрибаи Андиҷон» баррасӣ гардид. Дар ин замина харитаи фаъолият, балансии маҳалла, дастури банднокӣ ва нақшаи кории маҳалла муҳокима ва баррасӣ гардиданд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# БАРОИ ҲАМАИ КИШВАРҲО ҲАМЧУН ДАСТУРУЛАМАЛ, БА РУШДИ МИНБАЪДА ВА БАРҚАРОР НАМУДАНИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ТАКОНИ ПУРЗӮР

***26 феврал Ассамблеяи Генералии СММ резолютсия дар бораи «Соли байналмилалии сайёҳии устувор ва қобили ҳаёт» эълон кардани соли 2027-ро, ки бо ташаббуси Ўзбекистон пешниҳод шудааст, якдилона қабул кард.***

Ҳуҷҷат пурра бо тезисҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомади Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (ЮНВТО) дар Самарқанд бобати устуворӣ ва нармии соҳаи сайёҳӣ ба мушкилот ва ситезаҳои муосир пешниҳод намудааст, асос меёбад.

Дар резолютсия принсипҳои пешниҳоднамудаи роҳбари давлатамон дар бораи аҳамияти муҳими сайёҳӣ дар нигоҳ доштани мероси ғании мадании тамаддунҳои мухталиф, мустаҳкам намудани сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, эҳтироми арзишҳои халқӣ ҷой гирифтаанд.

Ба рушди сайёҳии «сабз» барои нигаҳдории экология, гуногунии биологӣ ва коҳиш додани ифлос намудани атмосфера эътибори алоҳида нигаронида шудааст. Кӯшишҳои созмонҳои СММ барои пешбурди сайёҳии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва устувор дар саросари ҷаҳон истиқбол карда мешаванд.

Ҳайатҳо ба ташаббуси Ўзбекистон баҳои баланд доданд. Саривақтӣ ва рӯзмаррагии резолютсия таъкид гардид, ки идомаи мантиқии дар моҳи октябр дар Самарқанд бомуваффақият баргузор намудани иҷлосияи ҷашнии 25-уми Ассамблеяи Генералии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (ЮНВТО) мебошад.

Интизор меравад, ки қарори пешниҳодкардаи Ўзбекистон ибтидои марҳилаи нави рушди соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ хоҳад буд.

Директори иҷроияи ЮНВТО Зоритса Урошевич, ки шахсан барои иштирок дар ҷаласаи Ассамблеяи генералӣ аз Мадрид омадааст, таъкид кард, ки Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ аз роҳбарият ва саъю кӯшиши Ўзбекистон дар ташаббуси чунин қатъномаи муҳим, ки имрӯз аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ якдилона қабул шудааст, сипосгузор аст.

– Ин ба изҳороти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар иҷлосияи 25-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид моҳи октябри соли гузашта дар Самарқанд комилан мувофиқ аст», – гуфт ӯ. – Резолютсия барои тамоми кишварҳо ҳамчун дастуруламал хидмат карда, барои рушду барқарорсозии минбаъдаи бахши сайёҳӣ, ки аз бӯҳронҳои сершумор ва пандемияи коронавирус осеб дидааст, вале устувории бебаҳои худро нишон додааст, кумаки қавӣ хоҳад расонд. Соҳаи сайёҳӣ тавонист 88 фоиз барқарор шавад ва интизор меравад, ки дар соли 2024 ба сатҳи соли 2019 баргардад. Ин барои татбиқи пурраи ҳадафҳои дар Соли байналмилалӣ пешбинишуда заминаи мустаҳкам фароҳам меорад, ки кӯшишҳои ЮНВТО-ро дар якҷоягӣ бо давлатҳои аъзо барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор суръат мебахшад ва афзоиш медиҳад.

«Мо, ҳамчун ЮНВТО, омодаем, масъулияти ташкили чорабиниҳои дахлдорро дар миқёси байналмилалӣ дар доираи татбиқи ин резолютсия ҷиҳати таъмини самараи ҳадди аксар аз қабули ин ташаббус ба дӯш гирем» – гуфт ӯ.

Пас аз ин чорабинӣ Хидмати хабарии СММ мақолаеро таҳти унвони «Ассамблеяи генералӣ соли 2027-ро Соли байналмилалии сайёҳии устувор эълон кард» нашр кард, ки бо ташаббуси Ўзбекистон ва Малдив қабул шудааст.

Дар он гуфта мешавад, ки резолютсия аз кишварҳои узви СММ ва сохтори ҷаҳонӣ даъват мекунад, ки дар заминаи сайёҳии устувор ва қобили ҳаёт, аз ҷумла, ташаббусҳои экотуризм чораҳои муассир андешанд. Он ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро ташвиқ мекунад, ки аз Соли байналмилалӣ баҳри пешбурди амалҳо дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва дастгирии сайёҳии устувор ва қобили ҳаёт ҳамчун воситаи пешбарӣ ва суръат бахшидан ба рушди устувор истифода баранд.

«Иҷлосияи Ассамблеяи генералии ЮНВТО, ки моҳи октябри соли гузашта дар Самарқанд баргузор шуд, аҳамияти пешбурди дидгоҳи равшан трансформатсияи дарозмуддати соҳаро дар атрофи афзалиятҳои мушаххас тасдиқ кард», – менависад нашрия.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш гуфтааст, ки сайёҳӣ ба унвони яке аз бузургтарин бахшҳои иқтисоди ҷаҳонӣ барои наздик кардани фарҳангҳо, фароҳам овардани имконоти нав ва мусоидат ба рушди устувор иқтидори бузург дорад.

**АИ «Дунё»,**

*ш. НЮ-ЙОРК.*

# ЭПИДЕМИЯИ НАВИ АСРИ XXI: НОМОФОБИЯ БА САЛОМАТИИ ФИЗИОЛОГӢ ВА РАВОНИИ КӮДАКОН ЧӢ ГУНА ТАЪСИР МЕРАСОНАД?

***Имрӯзҳо дастгоҳҳои мобилӣ ба бозии дӯстдоштаи кӯдакони хурдсол табдил ёфтаанд. Падару модарон барои ором кардани кӯдакон телефонро ба дасти онҳо дода, худ бо корҳои гуногун машғул мешаванд. Аз ҳама ҷолибтар он аст, ки бо кӯдаки хурдсоли худ, ки гаҷетҳоро бо осонӣ идора менамояд, фахр мекунанд.***

Мутеъӣ ба телефон аз ҷониби Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ба сифати беморӣ пиндошта мешавад. Мутеъӣ ба телефон дар кӯдакон метавонад ба саломатии ҷисмонӣ таъсири манфӣ расонад ва он рушди рӯҳии кӯдакро ба таври назаррас тағйир диҳад.

Дар чунин кӯдакон рӯҳияи тарс, изтироби шадид, афсурдагӣ ва ноором ии ҷиддӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар ин беморӣ марҳилаи ташаккули шахс ақиб мемонад. Дар онҳо набудани мақсад, хашмгинии аз ҳад зиёд мушоҳида мешавад. Онҳо танҳо дар таъсири ҳаёти виртуалии телефонҳо мешаванд. Агар сари вақт чораҳои зарурӣ андешида нашавад, дар оянда ин кӯдакон ба шахсони лоқайд ва бепарво табдил меёбанд.

Аз ин рӯ, чун меъёр барои ҳама чиз, барои истифодаи гаҷет низ бояд талаботи муайян вуҷуд дошта бошад. Зеро ба ҷаҳони виртуалӣ сахт мутеъ шудан метавонад боиси мушкилоти ҷиддии солимии физиологӣ ва равонии шахс гардад.

Асри XXI – асри технологияи иттилоотӣ ва инноватсия аст. Ин дар ҳақиқат хуб аст. Чунки инноватсия ва технология барои пешравии ҷомеаи мо хидмат мекунад. Дар баробари ин касро ба андеша водор мекунад, ки дар асри нав беморӣи нав – номофобия пайдо шудааст. Пас ин чӣ гуна беморӣ аст?

Метавон гуфт, ки номофобия (фобияи мобилӣ) тарси бе телефон мондан ба ҳисоб меравад. Ин касалии ҳатто аз бемориҳои табобатшаванда ташвишовартар ҳамчун вабои аср эътироф шудааст. Аз ин рӯ, дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон барои муайян кардан ва табобати ин беморӣ корҳои назаррас анҷом дода мешаванд.

Тибқи тадқиқотҳо дар байни хонандагоне, ки аз дастгоҳҳои рақамӣ бештар истифода мебаранд, бемориҳои рӯҳӣ ва рафторӣ, бемориҳои системаи асаб, гардиши хун, нафаскашӣ, мушкилоти системаи ҳозима, шикоятҳои дарди дандон ва кариес, умуман, бемориҳои гуногун мушоҳида карда шуд.

Дар ин замина мутеъии кӯдакон ба телефон имрӯз як масъалаи муҳим аст. Аммо таассуфовар аст, ки баъзе аз падару модарон бо донистани он ки смартфонҳо ба солимии ҷавонон хатари ҷиддӣ доранд, ба ин масъала аз паси панҷа менигаранд.

Кӯдакон ворисони мо,ояндаи мо, давомдиҳандагони фардои мо мебошанд. Бо онҳо рӯзгори мо обод, дили мо равшан аст. Аз ин рӯ, фарзандоне, ки имрӯз тарбия мекунем, дар оянда ба касе руҳан тобеъ нашуда, бепарвою лоқайд набуда, балки насли ҳарҷониба солим, баркамол ва дар пешрафти кишварамон саҳмгузор бошанд. Ин бошад, пеш аз ҳама ба падару модарон, аҳли ҷомеа ва мову шумо вобаста аст.

**Музаффара АБДИЕВА,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**




*Дар маҷмӯи намоишгоҳи миллии «Ўзэкспомарказ»-и пойтахт намоишгоҳи байналхалқии «Сохтмон – UzBuild 2024» кушода шуд. Дар ин чорабинӣ, ки бо ҳамкории ширкатҳои намоишгоҳҳои байналхалқии «Iteca Exhibitions», вазорати сохтмон ва хоҷагии манзилию комуналӣ, шӯрои «Ўзсаноатқурилишматериаллари» ва дигар ташкилотҳо барпо гардидааст, аз 19 мамлакат зиёда аз 450 ширкат имкониятҳои худро намоиш доданд.*

*Намоишгоҳи мазкур, ки маротибаи 25-ум баргузор мегардад, бо намоиши технологияҳои замонавӣ, дастовардҳои пешқадамтарини соҳа, ҷиҳозҳои сохтмон, сантехника ва коммуникатсияҳо, мебел ва техникаи маишӣ ва дигар маҳсулот аҳамиятнок мебошад.*

***Дар сурат:** дар намоишгоҳ.*

***Суратгир: Ойбек ПАРДАЕВ.***
***ЎзА.***

# МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ МУҲИТИ ҲАМОҲАНГӢ ДАР ҶАМЪИЯТ

***Яке аз мақсадҳои муҳими Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» мустаҳкам намудани муҳити ҳамоҳангии байни миллатҳо дар Ўзбекистон ва рушди муносибатҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷӣ мебошад.***

Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва робитаҳои дӯстона бо кишварҳои хориҷии назди Вазорати фарҳанг дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавии ҷумҳурӣ бахшида ба таҳлили фаъолияти кумита дар соли 2023 анҷумани матбуотӣ ташкил намуд. Дар он роҳбарони ҷамъиятҳои дӯстӣ, раисони марказҳои миллӣ-фарҳангии ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Назар ба таъкиди ҷонишини раиси кумита Азамат Тошев, дар соли 2023 доир ба мустаҳкам намудани муҳити ҳамҷиҳатии байни миллатҳо дар ҷамъият, рушди муносибатҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷӣ ва дастгирӣ намудани ҳамватанони хориҷиамон лоиҳаи як қонун, ду қарори Президент, 18 қарор ва фармоиши ҳукумат омода карда шуд.

Вазифаҳое, ки дар Барномаи давлатӣ ва Стратегияи «Ўзбекистон – 2023» пешбинӣ шуда буданд, пурра иҷро гардиданд. Алҳол кумита бо 157-то маркази миллӣ-маданӣ, 38 ҷамъияти дӯстӣ ва 98 ҷамъияти ҳамватанон дар хориҷ ҳамкорӣ мекунад. Барои дастгирӣ намудани марказҳои миллӣ-маданӣ аз буҷаи давлат ҷудо кардани наздик ба 20 млрд. сӯм маблағ пешбинӣ шудааст. Дар соли 2023 3-то маркази милливу фарҳангии нав ташкил карда шуд.

– Дар соли сипаришуда аз ҷониби марказҳои миллӣ-мадании ҷумҳурӣ беш аз 15 ҳазор чорабинии маънавию маърифатӣ баргузор шуданд. 27-30 июли соли гузашта дар минтақаҳои мухталифи Ўзбекистон дар чаҳорчӯби ҷашнвораи «Дӯстӣ» барномаҳои ҳунарӣ, намоишгоҳ, озмун, ҷашнвораи байналхалқии «Мавқеи дипломатияи халқӣ дар мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо» ва гала-консерти «Оҳангҳои дӯстӣ» барпо гардиданд. Дар доираи ҷашнвораи «Дӯстӣ» дар 529 чорабинии маданиву маърифатӣ ва илмиву амалӣ беш аз 100 ҳазор нафар иштирок намуданд. 13-19 ноябр дар мамлакат бо иштироки ҷамоаи васеъ, хусусан ҷавонон бахшида ба рӯзи таҳаммулпазирии байналхалқӣ «Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ» гузаронда шуд ва дар доираи он наздик ба 10 ҳазор чорабинии фарҳангиву маърифатӣ ва илмиву амалӣ барпо гардида ва беш аз 2,5 млн. нафар иштирокдорони он буданд, – гуфт дар баромади худ роҳбари хидмати матбуоти кумита Ғайратулло Шукуров.

Имрӯз кумита аз механизми «дипломатияи халқӣ» самаранок истифода бурда, дар ҳифзи ҳаёти фаровон ва осуда, рушди алоқаҳои дӯстонаи байни мамлакатҳои хориҷӣ, ба роҳ мондани корҳои манфиатбахш бо ҳамватанони хориҷӣ ҳисса мегузорад. Роҳбари шуъбаи кумита Фирӯз Беков доир ба ҷамъиятҳои дӯстӣ ва робита бо ҳамватанон истода гузашт.

Инчунин, таъкид гардид, дар мамлакатамон дар роҳи таъмин намудани ҳамҷиҳатӣ ва кушодадилии байни миллатҳо намоишҳои телевизионӣ, барномаҳои радиоӣ пахш шуда, ҳикояҳо доир ба ҳаёти ибратбахши миллату элатҳои кишварамон дар рӯзномаву маҷаллаҳои ватаниву хориҷӣ рӯйи чопро диданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

Ба пешвози 100-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик»

# ИНЪИКОСИ СИЁСАТИ КИШВАРҲОИ ШАРҚ ДАР РӮЗНОМА

«Овози тоҷик» ҳамчун ношири афкори Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Ӯзбекистон ва, дар маҷмӯъ, афкори Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳизби мазкурро тарғибу ташвиқ мекард.Таърих шаҳодат медиҳад, ки инқилоби соли 1905, бахусус, табаддулоти соли 1917 дар Русия ва ташкилёбии ҷумҳуриҳои сусиёлистии Осиёи Миёна ба давлатҳои Осиёву Африқо таъсири амиқ гузоштанд. «Инак, ҳамаи инҳо ба Шарқ ва Ғарб паҳн гардида, мазлумҳои онҳоро бедор намуда, чашмҳои эшонро мекушояд.» («Овози тоҷик», № 238 аз 25 июни соли 1928). Дар ибтидои садаи XX Шарқ бедор мешавад. Ҳаракатҳои миллӣ–озодихоҳӣ авҷ мегиранд. «Он мубориза, ки давлатҳои миллии Туркия, Эрон ва Афғонистон барои гирифтани истиқлолият ба муқобили давлатҳои ҷаҳонгир кардаанд ва он корҳое, ки дар соли охирон дар оламиислоҳоти иқтисодӣ ва маданӣ ҷорӣ намудаанд, мубориза даҳшатнокро миллионҳо нафар камбағалони Чин барои озодии иқтисодӣ ва сиёсӣ мекунанд» ва давлатҳои ҷаҳонгир маҷбур мешаванд ин ҳамаро эътироф кунанд.

Дар давраи солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Афғонистон сиёсати бетарафӣ ва дахолат накарданро пеш гирифт. Вале таҳти таъсири воқеаҳои Русия гурӯҳҳои навандеш ва пешрафтхоҳ «Ҷавонафғонҳо» барои истиқлолияти комили Афғонистон мубориза мебурданд. Дар ҳамин вазъият писари Ҳабибуллохон – Амонуллохон ба сари давлат омад. 28 феврали соли 1919 Афғонистон давлати соҳибистиқлол эълон карда шуд. Дар навбати аввал истиқлоли Афғонистонро Русияи шӯроӣ расман шинохт. Англисҳо истиқлолияти Афғонистонро қабул надоштанд. Моҳи майи соли 1919 дар байни Афғонистон ва Британия боз ҷанг (ҷанги сеюми афғону англис) оғоз гардид. Муборизаи шадиди афғонҳо англисҳоро ба оштӣ маҷбур сохт. 8 августи соли 1919 дар Ривалпиндӣ Шартномаи сулҳи байни Афғонистон ва Англия ба имзо расид, ки тибқи он Британия истиқлоли Афғонистонро расман эътироф кард.

Ин ҳама ва дигар маводи зиёд дар мақолаи «Шартномаи доимии Туркия, Эрон ва Афғонистон» таҳти рубрикаи «Шарқ бедор мешавад» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба чоп расидаанд.

«Сиёсати давлатҳои ҷаҳонгир, ки дар Шарқ доштанд, ин буд, ки муносибати давлатҳои Шарқро вайрон карда, ҳамеша онҳоро ба якдигар душман карда, аз он фоидадор шаванд. Онҳо ҳоло ҳам кӯшиш мекунанд ин сиёсатро давом диҳанд». – омадааст дар ҳамин мақола.

Амонуллохон дар Афғонистон баробари гузаронидани ислоҳот, бо Туркияву Эрон Ҳуҷҷати муоҳидаро имзо кард. Бо ин восита дӯстӣ ва осудагии ин се давлати Шарқ мустаҳкам шуд. «Ҳукумати шӯравӣ барои мустаҳкам кардани дӯстии давлатҳои Шарқ ёрии зиёде мерасонад», – гуфта мешавад дар мақола. Дар ҳақиқат, 28 феврали соли 1921 дар Маскав байни Русияи шӯравӣ ва Афғонистон шартномае имзо шуд, ки тибқи он дар байни ду давлат муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд. Давлати шӯравӣ розӣ шуд ба Афғонистон ёрии иқтисодӣ ва техникӣ расонад.

Дар ҳамин саҳифаи рӯзнома «Лашкари Афғонистон» ном мақолае дарҷ ёфтааст. Амонуллохон чун дигар соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ба ислоҳоти соҳаи ҳарбӣ низ дахл намуд. Дар рӯзнома қайд гардидааст, ки «аз соли 1920 таҳти роҳбарии фармондеҳони Туркия лашкари худро аз сари нав ташкил дод. Лашкари мунтазами Афғонистон аз аскарҳои савора, пиёда, қисмҳои муҳандисӣ ва ғайра иборат буд. Шумораи аскарони Афғонистон дар он замон 10 ҳазор нафарро ташкил медод. Хидмати ҳарбии маҷбурӣ ҷорӣ гардид». Гуфта мешавад, ки лашкар бо пулемёт ва тӯпҳои гуногун мусаллаҳ буд. Як қисми тӯпу туфанг дар Афғонистон истеҳсол гардида, қисми дигар аз хориҷ харида мешуд. Бояд таъкид намуд, он солҳо дар Афғонистон ҷуз




ҳамин заводи истеҳсоли аслиҳа дигар корхонае набуд. Муаллифи ин мақола бо имзои мустаори А. В. зикр гардидааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# «БАРОДАРСИФАТ ДӮСТ ҲАСТЕМ МО»

Солҳои донишҷӯйиамон шеърдӯстон зиёд буданд. Хусусан, ба падидаҳои қаламии шоирони ҷавон дилбастагиамон бештар ҳис мегашт. Нахустмаҷмӯаҳои Зулфия Атоуллоева (Атоӣ), Камол Насрулло ва Раҳмат Нарзӣ («Ҷиҳоз», «Навгонӣ» ва «Барги сабз») аз даст ба даст мегузашт. Ҳофиза қавӣ буд, бо ду-се бор чашм давондан шеъре, ки мисле аз дили мо гуфта шуда, азёд мегашт. Баъди хатми донишкада (1980, ИДПЛ ба номи Киров) ҳам ин ҳолат муддате давом кард. Ҳанӯз бори рӯзгору ташвишҳои зиндагӣ, ки ба дӯшамон наафтода, ҷавонии мо ҳамон дар олами сеҳромези шеърият гаштугузор дошт. Пайдо шудани номҳои нав аз борварии дарахти азамати адабиёти тоҷик дарак медод. Қатори чанд нафар, ки пайи қаламашон тоза аст, Низом Қосим дар пайроҳаи эҷод ҷасурона қадам мезад ва пеш мерафт. Садо ва сабки ба худ хос дошт.

Рӯйи чоп дидани аввалин маҷмӯа нафақат дар ҳаёти шоир (ё нависанда)-и ҷавон, балки барои онҳое ҳам, ки ба навиштаҳои ӯ бефарқ нестанд, воқеаест сурурбахш. «Рӯйи дунё шудан»-и «Сари сабз»-у «Пайванд»-и устодон Лоиқу Бозор ва «Бунафша»-и Гулрухсор (дар охири солҳои шасту аввали ҳафтод) дар ҳаёти дӯстдорони ҷавони шеърият мисле ҳодиса буд ва чӣ тавр гарм истиқбол шудани ин маҷмӯаҳоро насли калонсол, фикр мекунам, ҳанӯз фаромӯш накардааст. Аввалин дафтари шеърҳои Низом Қосим бо унвони «Хӯшаи шеър» («Ирфон», 1984), айни замон, ба назари ҷавонони он давр «хирмани шеър» аз «ҳосили нав»-ро мемонд. Маҷмӯаро чӣ тавр бо шавқ варақ мезадем, ҳамон дар хотирам.

Ғолибан, дар солҳои ҳаштодум ҳар шеъру суруда бо имзои Низом Қосим, ки дар «Маориф ва маданият», «Садои Шарқ», «Комсомоли Тоҷикистон» ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ рӯйи чоп дид, ба чашми банда азиз метофт, ба дил менишаст, дар хотир мемонд (ҳамон вақтҳо дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»-и имрӯза) аз ин хусус чизе навишта будам). Шоир дар мавзӯъҳои сиёсиву байналхалқӣ низ ҷасурона шеърҳои дархӯрди замон эҷод мекард.

*Он як артисти беҳунар имрӯз,*
*Бозӣ дорад ба саҳнаи олам...*

Яке аз зимомдорони аср, ки дар асл актёр буд, мисле дар саҳнаи олам ба тақдири одам бозӣ мекард, ки боиси нигаронӣ мегашт. Шеъри Низом Қосим инъикосгари вазъи ноором дар ҳамон солҳо буд.

Дар солҳои бозсозии горбачёвӣ сухани шоир базарбтар шуд. Замон имкон намедод навсозиҳо осон кӯчанд. Навишта буд:

*Коркарди замин бувад осон,*
*Коркарди замона душвор аст.*

Дар «Садои Шарқ» қатори чанд шеър бо унвони «Либосовезак» шеъре чоп шуда буд. Вақте устод Низом Қосим чанде пештар меҳмони Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон шуд, курткаашро ба гардероб фуровардам. Вақти овехтани он ҳамон «Либосовезак» ба ёдам расид.

Фикр мекунам «Либосовезак» яке аз беҳтарин шеърҳои иҷтимоӣ буд дар нимаи дувуми солҳои ҳаштод. Шеър дар бораи либосовезаки муқаррарӣ нест... Либосовезак «одам» аст. Одамест, ки тана дораду халос. Дил нест, ҳис нест, тамиз нест. Либос ба бар дораду бас. Либосовезак аст!

Бозёфти шоирона. Ин қабил образҳои тару тоза ва ишороти обнарасида, навгӯиву навпардозиҳо дар офаридаҳои Низомиддин Қосим ҳануз фаровон.

Шеъри «Пора» («Адабиёт ва санъат») шӯре афканда буд байни хосу ом. Он айём аксарият рӯзномахон буданд. Матолиби ҷолиб дар доираи васеъ муҳокима мешуданд. Порагириву ришватситонӣ дар авҷ бошад ҳам, на ҳар кас ҷуръат дошт оиди ин иллати решадавондаи ҷамъиятӣ рӯйирост сухан ронад. Низом Қосим бо ҷасорат ниқоб аз рӯйи тамаъкорон, ки аксар вазифаю унвонҳои баланд доштанд, бардошт. Ҳатто устодони донишгоҳро, ки барои нафс «илмҳоро пора-пора кардаанд», рӯйихотир нанамуд.

Дар баробари «Пора» боз чанд сарводаву сурудаи давраи аввали эҷодиёти Низом Қосим дар мавзӯъҳои гуногун, ки муассиру шӯрангезанд, агарчи аз байн солҳои зиёд гузашт, ҳанӯз дар хотири мо.

Қисмати зиёди шеърҳое, ки дар маҷмӯаҳои «Хуни ситора» (1988) ва «Паровар»(1990) фароҳаманд, низ бори пурмасъулияти иҷтимоъ мекашанд. Самимӣ ва равон, ки ҳастанд, ба дил ва шуури хонанда осон роҳ меёбанд.

Чакидаҳои қалби шоир дар сурати шеър баъдтар дар «Барги саломи сабз», «Тафсири панҷ оҳ», «Кӯҳи садо», «Чорсӯ», «Аз ассалом то вассалом», «Хомасӯзан», «Биё, дилро ба барги гул бипечонем...», «Насими сабзи меҳр», «Оташи тасвир» барин кутуб аз тариқи нашриёти гуногун рӯйи дунё шуданд. Ба кӯдакону наврасон низ вай чанд маҷмӯа армуғон сохт. Хусусан «Маҳвора дар гаҳвора» аз ҷониби хонандагони синни хурди мактабӣ хуб пазироӣ гашт.

Қалами драматургии Низом Қосим низ сабзу барӯманд. Асосан асарҳои саҳнавии манзум менависад. Дар саъй аст ба гузаштаи пуршаъни мо равшанӣ андозад – гирди мавзӯъҳои таърихӣ бо тамкин ва мулоҳизоти хос андеша ронад. Дар қалбҳо эҳсоси ватанпарастӣ ва ифтихор аз аҷдод бедор созад.«Тилгиром», «Амир ва асир», «Борони ашк» («Куруш ва Куруз»), «Ганҷи дил»-ро, бад-ин маънӣ, метавон беҳтарин намоишномаҳои рӯз номид. Бо таърихӣ будан замонавианд ин осор, рӯҳи ин даврро низ то андозае ифода мекунанд, рӯйдоду заминаҳои реалӣ тавъаманд.

(Давомаш дар саҳ.4).

1-март – зодрӯзи ЗУЛФИЯ

*Рамз БОБОҶОН,*
*Шоири халқии Ӯзбекистон*

# ДУ САТРИ ЯК БАЙТ

Хонандаи азиз, боре фарзанди Зулфия Амонҷон занг зада гуфт:

– Устод, ният дорам, ки аз хотираҳои дӯстони қаламкаши модарам китобе барои чоп омода созам.

Ман ба ӯ чунин ҷавоб додам:

– Офарин! Модоме ки дӯст дар хотираи дӯстон зиндааст, шоир дар сатрҳои шеъраш ҳамеша зинда мемонад, ҳамин тавр нест?

*Бихонад рӯди ҷорӣ алла бар шаб,*
*Ҳама хобанду ман бедор ин шом.*
*Давад хома ба рӯйи дафтари дил,*
*Пазад дар деги ҳис андешаи хом...*

Ин мисраъҳо аз қалами Шоири халқии Ӯзбекистон Зулфия таровидаанд.

Инак, субҳе дамид, ки ӯ интизораш буд. Роҳҳо чароғон, шаҳрҳо пурфайзу роҳатбахш, маҳаллаҳо обод, дар кӯчаву хиёбонҳо парчами истиқлол парафшон, аз шоҳминбарҳо садои Зулфия танинандоз:

*Омадӣ, аз ростӣ, эй ҳуррият?!*
*Чашм дар роҳи ту будам солҳо.*
*Дар Ватан, дар қисмати халқи азиз,*
*Ҷовидон мон, эй ба қимат бебаҳо!*

Дар шеърҳои муассир ва аз самимият саршори Зулфия дарди дили худ, зарбаҳои тақдир ва воқеоти аз сар гузаронидааш таҷассум ёфтаанд.

Вақте Зулфия мегӯем, симои як бонуи донишманд, қавиирода, вазнин ва сарвқомат пеши назар меояд. Зеро ӯ чун инсон, зан ва шоира оламу одамро мешиносад, ғаму ташвиши дигаронро азони худ меҳисобад, ки ин фазилати ба худ хоси шоира маҳсуб мешуд.

Моҳи октябри соли 1958 дар Тошканд анҷумани якуми нависандагони мамлакатҳои Осиё ва Африқо баргузор шуд. Дар он аҳд ибораи «Рӯҳи Тошканд» пайдо шуда буд. Ин ифодаи ҳамфикрӣ, ҳамҷиҳатӣ, якдилӣ ва ҳамдигарро дастгирӣ намудани халқҳо баҳри сулҳу осоиштагӣ ва равнақи халқу диёр буд. Сафарҳои сулҳҷӯёнаи тарафҳо боиси боз ҳам мустаҳкам гардидани муносибатҳои ду қитъа гардид. Мукотибаи байни қаламкашони ӯзбеку хориҷиён ҷоннок шуд. Нависандагон ба якдигар китобҳои худро тақдим намуда, доир ба эҷодиёти якдигар фикру мулоҳиза меронданд. Асарҳои беҳтарини нависандагони ду қитъа ба ҷоизаҳо сазовор дониста мешуд.

Шоири халқии Ӯзбекистон, арбоби ҷамъиятӣ Зулфия барои фидокориҳояш дар ҷодаи эҷод сазовори мукофоти байналхалқии «Нилуфар» дониста шуд. Аммо шодиву ғам пайи ҳам меояд, гуфтаанд. Ба дӯши Зулфияи ҷавон мусибат афтид. Аз ҳамсафари ҳаёташ хеле барвақт ҷудо шуд, боли пари илҳомаш ногаҳон шикаст:

*Омад яке пирӣ ба дил,*
*Сурхии рӯйи ман парид.*
*Сӯят равам бо роҳи ёд,*
*Бо сад хаёлу сад умед...*

«Даҳ соли ҳамнафасию ҳамқадамӣ бо Ҳамид Олимҷон барои ман бахти бузург буд, – менависад Зулфия дар яке аз хотираҳояш, – инсони меҳнаткаш, шоири бузург, соҳиби интизоми қавӣ, меҳрубони дӯстон Ҳамид Олимҷон дар баробари рафиқи ҳаёт ва падари фарзандон будан, дӯсти ҳамдил ва маслиҳатгари ҳассос низ буд. Ман аз ӯ фикр, меҳнат кардан ва шеър навиштанро омӯхтам. Дар мактаби эҷодаш таълим гирифтам».

Дарҳақиқат, Ҳамид Олимҷон устоди шоирон буд. Мактабу шогирдони худро дошт. Заҳматкашони шеъри муосири ӯзбек – аз Зулфия то Асқад Мухтор, Туроб Тӯла, Шуҳрат, Ҳамид Ғулом, Мирмуҳсин, Шукрулло, Абдулло Орифов, Эркин Воҳидов ва дигарон аз мактаби ӯ сабақи аввалинро гирифтаем. Бо Ҳамид Олимҷон дар бисёр суҳбату вохӯриҳо бо ҳам будем, аз эҷодиёташ баҳраманд шудаам. Ба китоби нахустинам роҳи сафед талабида буд. Бинобар ин, агар аз рақами аввал, қалами якум, китоби якум, хитоби якум сухан равад, ҳамеша Ҳамид Олимҷонро ба ёд меорам.

Фикр мекунам, Зулфияро бе Ҳамид Олимҷон, Ҳамид Олимҷонро бе Зулфия тасаввур кардан душвор. Гӯё онҳо ду сатри як байт, ҳамоҳанг, ҳамфикр, ҳамдард буданд.

Ман дар назди рӯҳи ҷовидонзиндаи онҳо сари таъзим фуруд меоварам.

*Аз китоби «Зулфия дар хотираи ҳамзамонон».*

Тарҷумаи
**С. БЕКНАЗАРОВА.**



*Дар қӯшунҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба мақсади рушди намудҳои ҳарбиву амалӣ ва олимпии варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим байни хидматчиёни ҳарбӣ, муайян намудани варзишгарони бомаҳорат ва рағбатмандкунии онҳо дар округи ҳарбии Шимолӣ-ғарбӣ «Ҳафтаи варзиши артиш» ба вуқӯъ пайваста, мусобиқаҳои варзишии умумиартишӣ гузаронида шуд.*

***Дар сурат:** лавҳае аз мусобиқаҳои варзишӣ.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# АНҶУМАН БАХШИДА БА ОМӮЗИШИ МЕРОСИ ҶАДИДОН

Дар Донишгоҳи техникӣ ва маъданшиносии Навоӣ доир ба мавзӯи «Ҷадидон: аз худшиносии миллӣ то ғояҳои давлатдорӣ» чорабинии маънавӣ-маърифатӣ баргузор гардид.

Дар тадбир, ки аз ҷониби кафедраи «Фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва тарбияи ҷисмонӣ» доир гардида буд, профессор-муаллимони кафедраи «Забонҳои хориҷӣ ва ӯзбек» низ иштирок доштанд. Доири моҳият ва ҳаракати ҷадидия, ғояҳои маорифпарваронаи равшангарон маърӯзаҳо шунида шуд. Донишҷӯёни донишгоҳ дар музокираҳо иштирок намуданд.

Имрӯз омӯзиши роҳи ҳаёт ва мероси пурғановати ҷадидон ба тарбияи маънавӣ- маърифатии ҷавонон нақши муҳим дорад. Чунин тадбирҳо дар донишгоҳ мунтазам гузаронида мешавад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# МАВҚЕИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ДАР ҶОМЕА МЕАФЗОЯД

***Мо дар мамлакати соҳибистиқлол ва ҳуқуқбунёду демократӣ зиндагӣ мекунем. Хушбахтона, иштироки фаъолонаи занон дар соҳаҳои илму маориф, адабу фарҳанг, тиҷорату соҳибкорӣ ва дигар ҷанбаҳо назаррас мебошад. Албатта, барои чунин ҳол шароити созгор фароҳам оварда шудааст. Хусусан, баробарии гендерӣ таъмин мегардад, неруи занон яке аз омилҳои муҳим дар ҷомеаи моро ташкил медиҳад, инчунин масъалаи зан ва оила ба сатҳи сиёсати давлатӣ баровардa шудааст.***

Дар ин росто фикри Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёевро мисол овардан кофист, ки гуфтааст: «Таҳкими нақш ва мавқеи занон яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти моро ташкил менамояд».

Ба наздикӣ таҳти раёсати Озода Парпибоева – раиси Кумитаи оила ва занону духтарони ҷумҳурӣ анҷумани доманфарохе баргузор гардид. Ногуфта намонад, ки дар иҷлосияи 70-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 22 декабри соли 2015 санаи 11 феврал расман ҳамчун Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм эълон шудааст ва аз соли 2016 ин рӯзро дар бисёр кишварҳои ҷаҳон таҷлил мекунанд.

Тавре ки қайд гардид, ҳоло қариб 5 ҳазор нафар занон ба пажӯҳишҳои илмӣ машғуланд, дар мактабҳои олӣ зиёда аз 14 ҳазор нафар машғули фаъолият мебошанд, муассисаҳои таълимӣ қариб 4 миллион нафар занону духтаронро ба таҳсил фаро гирифтааст.

Дар ҷумҳурӣ аз 12 то 17 феврал семинар, вохӯрӣ, суҳбатҳои мизӣ, илмӣ-амалӣ, маънавӣ-маърифатӣ, озмунҳо ва амсоли он ташкил карда мешаванд. Ин чорабиниҳо дар идомаи форуми занону духтарон баргузор мегардад, ки 11 феврал дар шаҳри Тошканд бо ширкати намояндагони созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, меҳмонони хориҷӣ, вакилони ташкилотҳои ҷамъиятии занон, олимону пажӯҳишгарон сурат гирифтааст.

Гуфта шуд, ки тибқи таҳлили коршиносон, дастикам 30 дарсади муҳаққиқони илмӣ аз зумраи занон мебошанд. Тибқи маълумоти ЮНЕСКО бошад, солҳои 2014-2016 танҳо 30 дарсади духтароне, ки дар мактабҳои олӣ таҳсил мекунанд, риштаҳои илмию техникиро интихоб кардаанд. Маълум шуд, ки дар саросари ҷаҳон 3 фоизи духтарон фанновариҳои иттилоотӣ, 5 фоиз фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва омор, 8 фоиз соҳаҳои муҳандисӣ, истеҳсолот ва сохтмонро интихоб мекунанд.

Дар байни онҳо олимаҳои кишвари мо дар соҳаи таълим, адабиёт, кимиё, биотехнология, кишоварзӣ барин соҳаҳо корҳои пажӯҳишӣ мебаранд. Барои ҳамин дар мамлакати мо бештар иштироки занонро дар рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ дидан мумкин аст. Натиҷа чунин хоҳад буд, ки дар соҳаҳои табиатшиносӣ, риёзиёт, техника, технология, саноат ва сохтмон нишондиҳандаҳои мо он қадар баланд намебошад.

Барои ҳамин дар форум Озода Парпибоева ба кулли ташкилотҳои занони мамлакат тавсия дод, ки дар бораи васеъ намудани сафи олимони соҳаи табиатшиносӣ пешниҳодҳо ва дархостҳои худро ба миён гузоранд.

Ҳадаф мустаҳкам намудани оила, амалӣ намудани қонунҳои марбут ба ҳифзи манфиатҳои занону духтарон, баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоиву сиёсӣ ва таъмин будани занону духтарон бо кор, ташаккул додани малакаҳои соҳибкорӣ ва таъмини баробарҳуқуқии онҳо мебошад.

Дар он бонувони варзидаи соҳаи менеҷменти кишвар, профессорону омӯзгороне, ки дар равандҳои илмию инноватсионӣ маҳорати худро нишон дода истодаанд, донишҷӯёне, ки ба илму тиҷорат ва соҳибкорӣ дилбастагӣ доранд, ширкат карданд.

Таъкид гардид донишҷӯёне аз ҳисоби духтарон, ки мунтазам ба натиҷаҳои баланд ноил мегарданд, ба сафи занони пешқадам дохил карда шаванд, то ки битавонанд дар ташкилотҳои болоӣ, вазорату идораҳо ва муассисаҳо ба кор ҷалб гарданд, дар магистратура ва докторантураҳо таҳсилро давом диҳанд, манфиатҳояшон ҳифз карда шавад.

Дар заминаи форуми занон таҳти унвони «Дастовардҳои занони олима ва ғояҳои инноватсионии онҳо» конфронс баргузор гардид. Дар он низ натиҷаҳо ва паҳлуҳои тадқиқотҳои илмии як гурӯҳ занону духтарон мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифт. Дар идома Осорхонаи Абдулло Қодирӣ, коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии рақами 1 ҷойи мулоқоту маҳфилҳои маънавӣ-маърифатӣ гардид.

Чунин чорабиниҳои маънавию маърифатӣ дар шаҳру вилоятҳои кишвар идома хоҳанд кард.

**Ситора РАҲМОНБЕРДИЕВА.**

***Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси Вазорати варзиш ва ҳамкории Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, Вазорати ҳифзи тандурустӣ ва Гвардияи миллӣ бахшида ба дар мамлакат ҷорӣ намудани сохтори баҳогузории дараҷаи омодагии ҷисмонии аҳолӣ ва баргузории санҷишҳои варзишии «Дараҷаи омодагии ҷисмонӣ» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

# РУШДИ ВАРЗИШ ДАР БАЙНИ АҲОЛӢ

Мақсад аз гузаронидани санҷишҳои варзишӣ дар байни тамоми табақаҳои аҳолӣ баланд бардоштани қобилияти ҳаракати ҷисмонӣ, пешгирии одатҳои зараровар ва бемориҳои гуногун, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва тавассути он оммавӣ гардонидани варзиш мебошад.

Тӯли давраи сипаришуда дар мамлакат аз ҷониби Вазорати варзиш доир ба тарғиби тарзи ҳаёти солим, васеъ ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Тавре ки муовини вазир Дурдона Раҳимова қайд намуд, соли ҷорӣ дар миқёси ҷумҳурӣ модели намунавӣ коркард гардид, ки дар доираи «Ҳафтаи бонувон», «Ҳафтаи маҳалла ва пирон», «Ҳафтаи муассисаҳои таълимӣ» тадбирҳои варзишӣ гузаронида мешавад. Инчунин, дар доираи ин лоиҳа пешбинӣ шудааст, ки дар байни аҳолӣ доир ба тарзи ҳаёти солим, ташаккул додани маданияти хӯрокхурӣ ва тарбияи ҷисмонӣ корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ бурда шавад.

Дар чорабинӣ ҷонишини вазири ҳифзи тандурустӣ Элмира Боситхонова таъкид кард, ки варзиш ҷиҳати ҳаматарафа солиму бардам шудани аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон, аҳамияти калон дорад. Ҳукумати кишвар дар роҳи рушди варзиш ва тарғиби он дар байни аҳолӣ, ба марраҳои баланд ноил шудани варзишгарони мо, аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутоб ёфтани ҷавонон, ба хусус занону духтарон, ки сиҳҳату солим ба дунё омадани кӯдакон ба онҳо вобаста аст, ғамхории зиёд нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, мамлакате, ки ҷавононаш ҳаматарафа сиҳҳату бардаманд, оянда бузург дорад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## ТАРОНАҲОИ ХАЛҚӢ

*Баҳор омад, гулистон мушкбор аст,*
*Зи ҳусни лола саҳро зарнигор аст.*
*Баҳор омад, гулу булбул ҳамоғӯш,*
*Чаман дар базми гул оташнисор аст.*

***

*Баҳор омад, баҳори боғу гулшан,*
*Қабои сабз дорад кӯҳу барзан.*
*Вале боғи дили ман заъфаронист,*
*Ба ёди як баҳори сабздоман.*

## ГУЛБАРФ

*Боз омадӣ бар ин Ватан, хуш омадӣ, гулбарфи ман,*
*Аз мақдамат олам чаман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Овар хабар бар насли нав, аз файзҳои фасли нав,*
*Ай, байрақи дашту даман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Аз партават рақсон шавам, бо бахт ҳамдастон шавам,*
*Оғози ҳар як анҷуман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Саҳро шавад гулшан зи ту, дунё шавад рӯшан зи ту,*
*Оромбахши ҷону тан, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Аз бӯйи ту гаштам ҷавон, аз баргҳоят – шодмон,*
*Ай, ғунчалаб, ай гулбадан, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Солест, пазмони туям, дар шавқи эҳсони туям,*
*Бо нури рухсори ҳасан, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Қалби Саодат метапад аз хубии рухсори ту,*
*Ай зеби гулҳои чаман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

**Саодат САНГИНОВА,**
*вилояти Сурхондарё.*



## ОМАДАНАШ ФАРРУХУ ФАРХУНДА БОД!

***Дар Самарқанд бо иштироки шахсони масъули вобаста ба тайёрӣ ва дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни Наврӯзи оламафрӯз ҷамъомади бошукӯҳи фарҳангӣ баргузор гардид.***

Чорабиниро ҷонишини ҳокими вилоят, раиси Садорати сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ Рустам Қобилов ҳусни ифтитоҳ бахшида таъкид намуд, ки имсол дар Самарқанд ҷашни Наврӯзи Аҷам бояд дар сатҳи баланд гузаронида шавад. Зеро сайёҳони хориҷӣ нисбат ба соли гузашта дучанд хоҳад шуд.

– Тантанаҳои асосӣ дар боғи «Ўзбекистони Нав» хоҳад гузашт, – иттилоъ дод Рустам Қобилов, – дар саҳнаҳои идона санъаткорон, эҷодкорон, аҳли илму фарҳанг баромад мекунанд.

Инчунин дар маҳалла ва гузарҳо, мактабу кӯдакистон, корхонаву ташкилотҳои вилояти Самарқанд тадбирҳои фарҳангӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, намоиши асарҳои ҳунармандон, ярмаркаҳои фурӯши маводи озуқаворӣ ташкил хоҳад шуд.

Дар майдони Регистон, хиёбони донишҷӯён, истироҳатгоҳи ба номи Алишер Навоӣ, шаҳраки Фарҳод, Кимёгарон, амфитеатри «Мӯъҷиза» базму тараб ба вуқӯъ хоҳад пайваст.

Албатта иштирокчиён ва фаъолони тадбирҳо бо мукофотҳои муносиб сарфароз мешаванд.

*Омада Наврӯз ҳам аз бомдод,*
*Омаданаш фарруху фархунда бод!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

## ЁДИ АЙЁМЕ, КИ ДАР ДИЛ МО ФАРОҒАТ ДОШТЕМ

**(Ба шарафи 80-солагии шарикдарсам Фарҳодҷон Исомиддинов)**



Умри одамӣ ҳам, мисли фаслҳои сол чор мавсим дорад. Фасли аввали умр, солҳои кӯдакию наврасӣ ба мисоли гулҳои сардарахтӣ ва муғҷаҳои дарахтони мевадори баҳорон кӯтаҳумр ва зудгузаранд. Аммо хотираҳо аз овони мактабхонӣ, бахусус аз даврони таҳсил дар мактабҳои олӣ зиёданд. Ман, ки се сол (1961-63) дар Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд (ҳозира ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров) ва баъди аскарӣ се сол (1966-69) дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Навоӣ хондам, ду китоб ёддошт дорам.

Шукри Худованд, ки имсол ману Фарҳодҷон ба синни муборакi 80 қадам ниҳодем. Алоқадри ҳол аз меваҳои боғи умри гузашта тӯшаҳо дорем.

Айни замон, аз самароти он илму донише, ки аз устодон андӯхта будем, мехоҳем барои ёру дӯстон, онҳое, ки забони тоҷикӣ барояшон мояи ифтихор аст, дастовези дилангези пур аз неъмати худовандӣ таҳия созем.

…Солҳои шарикдарсии ман бо Фарҳодҷон, дар факултаи таъриху филологияи Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд, то имрӯз гуворо ва пурнур менамоянд.

Зеро дар ин таълимгоҳи олӣ бисёр омӯзгорони донишманд, ҳаётдида, ҷонсӯзони маорифи тоҷик кор мекарданд. Якҷо бо мо, доништалабон аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ таълим мегирифтанд.

Байни устодон муаллимони мадрасадида, аз ҳаракати маорифпарварии ҷадидон бохабар ва аз гирдоби инқилоб амонмонда низ буданд. Як нафари онҳо ба мо аз фанни адабиёти классикӣ дарс мегуфт. Муаллим ҳамеша дар чашм айнаку асо ба даст, ба институт меомад. Пири хирадманд, одами хоксору фурӯтан буд. Ўро Ҷалол Хоҷаев мегуфтанд. Дар ғайбаш «Домулло Ҷалол, авлоди шоир Тошхоҷаи Асирӣ» мегуфтанд. Ҳама факултетҳо шуъбаҳои ўзбекию русӣ доштанд. Толибилмон дар як хобгоҳи умумӣ зиста, аз ошхона, китобхонаю қироатхонаҳо баробар истифода мебурданд. Табақабандӣ дар байни устоду шогирд набуд, аз миллатгароӣ нишоне эҳсос намешуд. Ҳама ташнаи илму дониш будем.

Тадбирҳои гуногун, хоҳ дар факултет, хоҳ дар бинои асосӣ, асосан бо раҳбарии муаллим Файзулло Абдуллозода мегузашт.

Устод Абдуллозода ташкилотчӣ, шахси масъулиятшинос буданд, забонҳои русию ўзбекиро чун забони модариашон мукаммал медонистанд. Устод таълиму тарбияро якҷо мебурданд. Дар соатҳои дарси забон, албатта бо табошир дар тахта шоҳбайте менавиштанд, барои таҳлил, ё ҳикмате ба ёд меоварданд, аз бузургони адаб. Ин буд, ки мо ҳам қоидаҳои забонро азхуд мекардему ҳам одоби муошират, усули ифоданок хондани шеъру зебо навиштан, асрори одаму одамиятро ёд мегирифтем. Аз ин рӯ, дар тафаккури мо, шогирдон меҳри забони модарӣ, ишқи адабиёти тоҷик, хислатҳои накӯкорию одамияти тоҷикона маъво гирифтааст.

Бино бар эътирофи академики АФ Тоҷикистон, собиқ ректори ДДХ Носирҷон Салимов «Тараққиёти илми филологияи тоҷик дар асри XX ба ном ва фаъолияти Файзулло Абдуллозода ва ҳамсафонашон алоқаи устувор дорад».

Анҷумани байналмилалии илмӣ-амалие, ки бо саъй ва кӯшиши яке аз шогирдони устод Абдуллозода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона, собиқ шарикдарсам Фарҳод Исомиддинов дар мавзӯи «Анъанаи зуллисонайнӣ дар адабиёти ўзбек ва тоҷик» ба муносибати 80 солагиаш дар санаи 15.06.2024 баргузор мешавад, дар ҳамдастӣ бо раҳбарияти Донишгоҳи давлатии Фарғона, Маркази мадании тоҷикони вилоят, бо ризоияти Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсияи Ўзбекистон роҳандозӣ шудааст.

Ин тадбир дар майдони маърифати тоҷикиву ўзбекӣ ба сифати падидаи маънавӣ аҳамияти калони таърихӣ дорад ва дар Ўзбекистон бо саъй ва эҳтимоми як тан аз тоҷикони воҳаи Фарғона барпо шуданаш аз он дарак медиҳад, ки дар муносибатҳои анъанавию мадании байни Ўзбекистону Тоҷикистон қадаме ба пеш гузошта шудааст.

Ҳар нафаре, ки аз адабиёти қадим бохабар аст, нағз медонад, ки ифодаи «шоири зуллисонайн» то замони инқилоби русӣ мақоми шоиста дошт. Ҳурмати шуарои дузабона, байни мардуми ўзбеку тоҷик, назар ба шоироне, ки ба як забон навиштаанд, бештар буд. Ҷойи таассуф, ки он баъди инқилоби русӣ кам истифода шуд, теъдоди «шоирони зуллисонайн» ангуштшумор гардид. Осори Навоӣ ба китоби луғат эҳтиёҷманд шуд.

Ман аз ҳама асарҳои назмию насрии Алишери Навоӣ ғизои маънавӣ мегирам, бо мутолиаи «Девони Фонӣ» ва рубоиёти Паҳлавон Маҳмуд Пирёр Валии хоразмӣ ифтихор мекунам. Адабиёти туркию форсӣ дар хоки Эрону Турон, Мовароуннаҳру Хуросон шукуфоӣ дошт.

Айни замон менозам аз он, ки анҷумани қарибулвуқӯъ падидаест фарҳангӣ ва таърихӣ, ки мехоҳад бо ёд аз анъанаи муштараки зуллисонайнӣ, бӯстони дӯстонро гулафшон, адабиёти туркии ўзбекӣ ва форсии тоҷикиро ғановат бахшад.

Тадбири мазкур ҷавобгӯи ҳаққонии матлаби Президент Шавкат Мирзиёев мебошад, ки расман муассисаҳои илмию олии кишварро ба омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ҷадидон водор кардааст.

«Ҷадидон» чӣ мақсад доштанд, онҳо киҳоанд, чӣ гуна ба роҳи худ равшанӣ бахшидаанд?

Ҷадидон роҳпаймоёни ҷодаи маориф, толибони рафоҳияту осоиши мазлумон, тарафдори ислоҳи усули осони таълим, ҷорикунандагони мактабҳои усули нав (ҷадидӣ), шифохонаю қироатхонаҳо буданд. Рӯшанибахши ғояҳои онҳо шамъчароғе буд, ки Аҳмади Дониш афрӯхт ва ба дасти Айнӣ расида, пурнур шуд.

Агар гуфта шавад, ки тафаккури ҷадидия аз сафарҳои расмии Аҳмади Дониш ба Русия мабдаъ мегирад, саҳв нахоҳад буд. Чунки Мавлоно минҳайси ходими вазорати хориҷа се маротиба дар ҳайати дипломатҳои дастгоҳи аморат, бо сарварии амир Музаффархону ҳамрикобони ў ба пойтахти Русия, шаҳри Петербург сафари расмӣ анҷом дода, равнақи илму санъат, таълим, театр, шаҳрсозии урупоиро ҳам ба назм ва ҳам ба наср китобат намуда, барои он ки ҳунару дониши куффорро тарғиб кардааст, алалоқибат аз дарбор ронда шуд.

Дар зимн, бояд ёдовар шавем, ки ҷадидон пешсафи ҷомеъа, аҳли закӣ буданд ва адабиёт офаридаанд. Қисми умдаи ин адабиёт ба забони форсии тоҷикӣ мураттаб шудааст ва интишори он бо забони давлатӣ, дар тадорукоти Эҳёи ҳаёти нав – Ренессанси муосир, мададгор хоҳад шуд.

Ҳаракати маорифпарварӣ зиёда аз сад сол пеш тавассути гузаштагони ҷадидамон бо шамъчароғи Аҳмади Дониш ба майдони таърих баромада, муҳити тираю тор ва носозгори қаламрави давлатҳои Бухоро, Қуқанд, Хоразм ва Афғонистони ҳамзабонро равшанӣ бахшидааст. Ин буд, ки ҷо-ҷо мактабҳои усули нав (ҷадидӣ), шифохонаҳои замонавӣ кушода шуданд. Рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» бо замимаи ўзбекии «Турон» дар соли 1912, бо раҳнамоии Садриддин Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигар сарватмандони рӯшанфикри Бухорою Самарқанд, Тошканду Қуқанд рӯйи кор омада, кумакрасони бедории афкор гардид, теъдоди зиёиёни рӯшанфикрро ба маротиб афзуд.

Алҳол, Ўзбекистони соҳибистиқлол бо шоҳроҳи ислоҳот роҳпаймоӣ дорад.

Умедворам, ки ба шарофати ин анҷуман решаҳои дарахти ҳар ду ин адабиёти аз як чашма шодоб бо меҳру садоқати ду ҳазрати бузургвори таърихамон – Абдураҳмони Ҷомию Алишери Навоӣ сарсабзиҳо ёфта, ба авҷи камол мерасад.

Кофронси илмии «Анъанаи зуллисонайнӣ дар адабиёти тоҷик ва адабиёти ўзбек» ба ривоҷу равнақи муносиботи ҳасанаи «як халқи ба ду забон сухангӯ» мусоидат мекунад.

Камина дар анҷуман рамзи гулшукуфти муғҷаҳои маърифатеро мебинам, ки Фарҳодҷон Исомиддинов аз устоди устодон Файзулло Абдуллозода ба худ мерос гирифтааст.

Аз ин ваҷҳ, нисбати зиндагӣ, илму дониш ва фазилату хислатҳои ҳамидаи устод Абдуллозодаи зиндаёд бештар эътибор додам.

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти хидматнишондодаи Ўзбекистон.**

***Имрӯзҳо дар минтақаҳо бо мақсади пурзӯр кардани эҳсоси ватандӯстӣ дар дили ҷавононе, ки дар ҳисоби профилактикӣ қарор доранд, душвортарбия ҳастанд, инчунин бозомӯзии касбу ҳунар ба онҳо мавсими нави ҷамъомади хонишии «Мактаби ҷасорат» сар шуд.***

## «МАКТАБИ ҶАСОРАТ» ҶАВОНОНРО МУТТАҲИД НАМУД

Дар доираи лоиҳаи мазкур, ки таҳти ҳамкории ҳокимияти вилоят ва сектори ҳарбӣ-маъмурии вилоят, Округи марказии ҳарбӣ, Садорати корҳои дохилӣ, Садорати вилоятии Хидмати амнияти давлатӣ, Садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон ташкил гардид, 100 нафар ҷавонони шаҳру ноҳияҳои вилоят нахуст аз санҷиши тиббӣ гузаронида шуданд.

Дар вохӯрӣ ҳар як роҳбар дар бораи фаъолияти хидматӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва имкониятҳои барои ҷавонон фароҳамгардида суханронӣ намуда, дар бораи наврасоне, ки бо истифода аз чунин имкониятҳо кишвари моро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд, ҳарф заданд.

Ёдовар мекунем, ки дар доираи лоиҳа, ки даҳ рӯз идома меёбад, аз ҷониби мутахассисони ботаҷриба доир ба омӯзиши касбу ҳунар, асрори тадбиркорӣ ташкили тренингҳои ангезабахш, дарсҳои маҳорат, инчунин, гузаронидани машғулотҳои психологӣ, тадбирҳои маънавӣ-маърифатӣ, омодагии ҳарбӣ, намоиши филмҳо, сафар ба масканҳои таърихии шаҳри Самарқанд дар назар аст.

Дар анҷом ба иштироккунандагон сертификати махсус дар бораи таъмин бо кор ва оғози фаъолияти тадбиркорӣ тақдим мегардад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## «БАРОДАРСИФАТ ДӮСТ ҲАСТЕМ МО»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Драмаи «Борони ашк» (қаҳрамонҳояш Куруш ва Куруз) бо наср навишта шуда ва навъе театршинос Муҳаммадуллоҳ Табарӣ қайд менамояд, ин асар, хаёле, назари файласуфона ба воқеаҳои замони мост.

Ду опера ва як оперettаи аз рӯйи либреттоҳои Низом Қосим «Рустам ва Суҳроб», «Борбад», «Кони пурганҷ» таҳияёфта дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ (Душанбе) бомуваффақият намоиш дода шуданд. Ба «Рустам ва Суҳроб» Талаб Саттор, ба «Кони пурганҷ» Шуҳрат Ашӯров ва ба «Борбад» Арбоби санъати Ўзбекистон Мустафо Бафоев оҳанг бастаанд.

Шеъри Низом Қосим «Наҷоти Арал» дар иҷрои Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Миралӣ Достиев ба қалб ва умеду армонҳои миллионҳо сокинони Ўзбекистон низ, ки тақдири Арал дар навбати аввал онҳоро ба ташвиш мегузорад, ҳамоҳангу ҳамсадост.

Низом Қосим чун мутарҷим низ ба адабиёт хидмати сазовор мекунад. Як қатор асарҳои дар шакл ва навъ гуногуни адибони шинохтаи дунё, аз қабили Габриела Мистрал, Юстинас Марсинкявичус, Чингиз Айтматов, Ли Чжаосин, Александр Вампилов, Олҷас Сулаймонов, Габриэл Гарсиа Маркес ва дигарон, айни замон драмаҳои манзуми Софокл, Готси, Шекспир ва Брехтро ба тоҷикӣ баргардондааст. Намунаҳо аз ашъори диловези ў, дар навбати худ, ба чандин забони дунё, аз ҷумла ба ўзбекӣ тарҷумаву нашр шудаанд.

Ҷуз ин Низом Қосим чун муаллифи матни сурудҳои дилнишин маълуму машҳур буда, таронаҳояш аз тариқи радиову телевизион, инчунин дар чорабиниҳои муҳими давлатӣ садо медиҳанд. Китоби ў «Умри азизи банда саропо суруд шуд» (2023) аз ашъори таронабобе фароҳам омада, ки бо мутолиаи онҳо дар ҳастии мо ҳисси наҷибе ба таҳрик меояд.

*Меҳру Моҳи ту чароғи хонаанд,*
*Ҷӯю рӯди ту пур аз дурдонаанд…* –

мегӯяд «ман»-и шоир ба ватани маҳбуб. Дар ҳар банду порчаи шеърии даҳҳо қаламии Низом Қосим чӣ тавр бо самимияти хос ифода ёфтани изҳори меҳри ў ба Тоҷикистонро осон дарк кардан мумкин. Боз ҳис мекунем оҳанги ватандӯстона дар сурудаҳои вақтҳои охири ў нирӯманд ва жарфтар шудааст.

Вақте Ватанро тараннум месозад, тавре ба назар мерасад афкори шоиронаи Низом Қосим либоси тасвирҳои боз ҳам дилнишинтар ба бар карда. Таронасарои ватан, айни дам, сароянда ва ифшогари дарду ормонҳои миллист. Сурудаҳои «Насли созанда», «Ватани хештанам», «Пайванд», «Нури андар нигаҳ», «Мулки Файзобод», «Давлати поянда» ва ғайраҳо ба ин гувоҳ, ки ҳар кадом мондагор ва нишонрас. Дар сарводаҳои «Дилпайванд», «Ман донаму дилам», «Офтоби дил», «Оина», «Симобвор», «Туро хушбахт мехоҳам», «Ёри дигар нест», ки дар мавзӯъҳои гуногунанд, ифодаи мазмуну маънӣ бар образҳое асос меёбанд, ки самимӣ ва ҳиссиётписанданд.

Маҷмӯи афкори амиқ, тасвирҳои нодиру эҳсосоти баланд ва таъбиру ифодаҳои бикру тоза гуфтан мумкин ин қабил офаридаҳои Низом Қосимро. Ҳиссу андеша ба ҳам пайванд. Ва ин пайванд – ногусастанӣ.



Иштироки фаъолонаи шоири амиқназар дар муҳокимаи масъалаҳои муҳимми ҳаёту адабиёт, афкору андешаи муҳаббатомезаш ба осор ва рӯзгори устодони назми форсӣ низ қобили таваҷҷуҳ. «Шеър дар дил, шеър дар халқ, шоири халқ» ном ниҳодааст ба яке аз мақолаҳояш дар бораи Бозор Собир.

Ҳиҷрати Бозор Собир ба хориҷ қалби ҳар тоҷикро фишурд. Ин изтироб дар «Ҳиҷрати Бозор Собир»-и Низом Қосим то дараҷае ифода гашт. «Ў дар ватани худ нагунҷид? Чаро нагунҷид?»

Ба саволи худ ин тавр ҷавоб медиҳад Низом Қосим:

*Ў нагунҷид дигар дар ватани*
*кӯчаки хеш,*
*Ки бузург аст…*

Ба хотираи Бозор Собир вай ғазали муассири дигаре дорад бо унвони «Рафтасту меояд». Худ ва хонандаи худро таскин медиҳад, агар рафтааст, меояд:

*Равони роҳи маънӣ бар сафар*
*рафтасту меояд,*
*Ба дилҳо монда, аз пеши назар*
*рафтасту меояд.*
*Ҳамеша дилгазон аз кухнагӯӣ,*
*кухнакориҳо,*
*Раҳи нав ҷуста, бо роҳи дигар*
*рафтасту меояд.*
*Чу илҳоми дилоро омаду рафт эй*
*басо, акнун*
*Ба дӯшаш бори осору асар рафтасту*
*меояд.*
*Тасалло дода худро, ҳар дилу ҳар*
*чашми тар гӯяд:*
*Ба кашфи Америкои шеъри*
*тар рафтасту меояд.*

Ҳар байт дилангез, хусусан «Ба кашфи Америкои шеъри тар» басо хотирмон. Мисле кашфи маънӣ ё образи нав.

Низом Қосим дар баробари ваҳдат дӯстӣ ва бародариро дар пардаҳои баланд суруда ва дар Ўзбекистон низ чун мунодии ҳамдилӣ ва рафоқат шинохта шудааст. Зимни баромадаш дар чорабинӣ бахшида ба 80-солагии Абдулло Орифов вай изҳор кард «шоири ҳақиқӣ ҳамешагӣ ҷорчии дӯстист». Н. Қосим хусусан ба шеъри «Ўзбеку тоҷик»-и ин шоир баҳои баланд дод ва таъкид намуд Абдулло Орифов борҳо ба Тоҷикистон рафта, меҳри гарми тоҷикон дарк сохта ва он эҳсосро тараннум намуда буд. Шоир ҳақ аст – ўзбеку тоҷик ҳар доим чун ду сатри як ғазал ба ҳам наздик буд ва ҳаст, ҳамдигарро пурра мекунад, такмил медиҳад, ба якдигар ифтихор менамояд, – гуфт Низом Қосим дар идомаи сухан.

Бахшида ба дӯстии тоҷику ўзбек Низом Қосим «Таронаи ҳамҷаворӣ» иншо намуд, ки чунин бандҳо дорад:

*Бувад лафз дигар,*
*Вале аз дили мо,*
*Ду лафз аст фаҳмо*
*Ба ҳар манзили мо.*
*Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,*
*Бародарсифат дӯст ҳастем мо.*

*Замин як, само як,*
*Макон як, саро як.*
*Як имон, Худо як,*
*Сухан як, нидо як:*
*Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,*
*Бародарсифат дӯст ҳастем мо.*

Дар ин мавзӯъ чизи нав гуфтан душвор. Вале эҷодкоре, ки раҳнамояш ҳунару суханварист, ҳарфи нав пайдо карда ва ба чашму дили хонанда аз рӯшаниҳои латифу афифи афкору пиндораш нури тоза бахшида метавонад. Ба Низом Қосим чунин шудааст.

Бузургшоирони тоҷик дар гузаштаи дуру наздики таърихӣ марзи Тоҷикистону кишварҳои форсигӯйиро убур сохта, фарохтар доман густурда бошанд, дар даврони мо дорандаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шоири мардумии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Ситораҳои Иттиҳод» Низом Қосим бо шеъри баландғояву баландпоя онҳоро такрор мекунад. Хусусан, дар Ўзбекистон равшантар ҳис шудани маҳбубияти ў, сазовор шуданаш ба мукофоти баланди Ўзбекистон – ордени «Меҳнат шуҳрати» ба мо ифтихор мебахшад.

**Муҳаммад ШОДӢ,**
**узви иттифоқҳои нависандагони Ўзбекистон ва Тоҷикистон.**
*Шаҳри ТОШКАНД.*


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 4270. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.